«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент__________ Сафарзода М.В.
"___"__________ 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

*Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ*

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методология ва ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) аз ҷумла, *банди 1* – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ - фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; *банди 2* - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва *банди 4* — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

*Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот*

Мубрамияти мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим коркард гардида, он дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тасвибу тасдиқ гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқотро унвонҷӯ дуруст муайян карда аст, ки он асосноксозии назариявӣ ва тасвиб намудани ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар демократикунонии раванди таълим мебошад, ки унвонҷӯй ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил шудааст.

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна аз он далолат мекунад, ки мавсуф дар воқеъ аз уҳдаи коркарди илмии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардааш баромада, дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ моҳияти мафҳуми ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар демократикунонии раванди таълим таҳқиқ намудааст, вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таълимӣ дар робита ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии донишҷӯёнро ошкор намуда, асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯёнро муайян ва таъмин намудааст.

Дар диссертатсия вижагиҳо ва имконоти ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим ошкор карда шуда, меъёру нишондиҳандаҳои муайянкунии дарҷаи инкишофи онҳо нишон дода шуда, ба таври муфассал шарҳу тафсил карда шудаанд, ки минбаъд ин меъёрҳо метавонанд барои донишгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва омӯзгорон ҳамчун як дастурамали ташхиси ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълим хизмат кунанд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Садуллоева Гулнора Мохадовна дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим дар заминаи муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 коркард ва пешниҳод шудааст.

Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок шудаанд.

Унвонҷӯ мақсади таҳқиқотро дар муайян ва коркарди илмии асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим дар асоси шароитҳои педагогӣ инъикос намуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаи муҳим муайян намудани мафҳуми салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва аҳамияти онҳо дар раванди таълим, бо далелҳои дақиқ собит намудани воситаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ, муайян намудани нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии донишҷӯён, ошкор ва асоснок намудани идоракунии демократӣ ва муносибати босалоҳият дар баланд гардидани сифати таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ; гузаронидани таҳлили муқоисавии муносибатҳои анъанавӣ ва башардӯстона оид ба проблемаҳои идоракунии дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ; таҳқиқ

намудани низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият; барпо намудани шароити мутадили педагогӣ баҳри муттаҳид гардонидани тамоми иштирокчиёни идоракунии дохили муассиса ба арзишҳои башардӯстона дар иҷтимоишавии донишҷӯён, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ, оид ба такмили омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ба иҷтимоишавӣ ба риштаи таҳқиқ ва пажӯҳиш кашидааст. Бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯй дар ҳалли масъалаи мазкур ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш комёб шудааст.

Муҳимияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки он ба ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ, маънавият ва худогоҳии фарҳангӣ мусоидат менамояд. Инчунин, он дар омода сохтани шахс барои қабули масъулиятҳои бештар, мустақилият дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат нақши муҳим мебозад. Аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ, аҳамияти ин таҳқиқот дар тавони он барои равшан сохтани роҳҳои худидоракунии донишҷӯён ҳангоми ифодаи худ дар доираи таҳсилоти касбӣ ва педагогӣ таҷассум меёбад.

***Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо***

Дар рисолаи тақризшаванда барои ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия ҳалли масъалаву вазифаҳо гузошта шудаанд. Асосҳои консептуалӣ, методологӣ ва педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим таҳқиқ гардида, заминаҳои илмӣ – назариявӣ ва амалии рушди салоҳият ҳамчун сифати фардии шахсият дар таҳқиқоти олимон муайян гардиданд. Робитаи ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълим, ки ҳамчун фаъолияти асосии хонандагон маҳсуб меёбад, таъмин гардидаст.

Муаллиф фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки барои ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ, равонӣ, маънавӣ, шавқу ҳавас, дарккунӣ ва маърифатии донишҷӯён; ба роҳ мондани хусусият ва усули кори иҷтимоӣ дар самти ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии донишҷӯён; роҳандозии барномаҳои ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоишавии донишҷӯён бо роҳҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо стандарт зарур мебошанд.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Садуллоева Гулнора Мохадовна аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

***Навгонӣ ва аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ***

Навгонӣ ва бозёфти рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ ба дастомада бештар нуктаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- ошкор ва асоснок намудани идоракунии демократӣ ва муносибати босалоҳият дар баланд гардидани сифати таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- тавассути арзишҳои демократӣ ва муносибати босалоҳият навсозӣ намудани мақомоти худидораи донишҷӯён ба ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар дараҷаи нав;

- аниқ гардонидани моҳияти демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият дар ҷараёни таълиму тарбия дар омодагии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бахри софдилона хизмат намудан ба халқу ватан;

- махсусияти демократикунонии ҷараёни таълиму тарбия ва муносибати босалоҳият таҳқиқ карда шуда, ташаккул додани он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок гардонида шуд;

- омодагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар иҷтимоишавӣ ба таври муоинавӣ тасдиқ гардид;

- шароитҳои педагогии демократикунонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва ба таври озмоишӣ санҷида шуда, собит намуд, ки муносибати босалоҳият метавонад ба сифати таълим такон бахшида, иҷтимоишавии донишҷӯёнро тезонад.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки доираи донишҳои зарурӣ, маҳорат ва малакае, ки донишҷӯ ба он ноил бошанд, дар иҷрои амалҳои педагогӣ коркард гардида, боиси истифода қарор дода мешавад. Имкониятҳои иқтидори касбии фанҳои таълимии педагогика ва психология, фанҳои ҷамъиятӣ ва шароити татбиқи робитаҳои байни фаннӣ коркард гардида, дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муносибатҳои босалоҳият мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Тавсияҳои мушаххас оид ба муносибатҳои диференсалӣ дар ташаккули омодагии касбии донишҷӯён коркард гардид; усул ва шаклҳои татбиқи амалётӣ-фаъолиятӣ ва мақомӣ-арзишии робитаҳо дар ҷараёни ташаккули омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардид.

***Аҳамияти амалии таҳқиқотро*** ифода мекунад: андешаҳои асосии педагогӣ- психологӣ, фалсафи, антропологӣ дар бораи инсон ва раванди иҷтимоишавии он; - инкишофи маънавӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва ҷисмонии ҷавонон тавассути демократикунонӣ; - робитаи мутақобилаи иҷтимоӣ ва биологӣ;- иқтидори маърифатӣ ва тавоноии ҷисмонӣ-меҳнатии инсон;- авқеи омилҳои инсонӣ дар ташаккули ҷамъияти муосир;- шароитҳои иҷтимоӣ- маданӣ ва шароитҳои этникӣ- конфесионалӣ дар кори ташаккул ва инкишофи шахсияти инсон дар раванди демократикунонии таълиму тарбия ва ташаккули салоҳияти касбӣ.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** дар асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот, муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ ифода ёфта, онро муносибати маҷмӯӣ нисбат ба таҳқиқоти мушкилот, шоистагии усули

таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ҳамбастагии усули сифатию миқдории таҳлили далелҳо, ки дар кори таҷрибавию озмоишӣ тасдиқ гардидаанд, муайян месозад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажӯҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ҷаласаҳои шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳ муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ солҳои 2023-2025 баргузор гардида, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи дар кори таълиму тарбия андухташуда ба муаллифи таҳқиқот имкон доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим тавсияҳо таҳия ва пешниҳод созад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баённамудаи унвонҷӯй Садуллоева Гулнора Мохадовна боэътимод ва аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ мешаванд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлил намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикррониӣ қобили қайд ва эътироф аст.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот*** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯҳиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои таҷрибавӣ, тасдиқи амалии муқарраротӣ кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаи бадастомада, дар таҳияи диссертатсия инъикос ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо сохтори муттаҳидшудаи диссертатсия, ки дар шакли унсурҳои бо ҳам алоқаманд иҷро шудаанд,

тасдиқ гардида, дар соҳаи таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, таҳлилҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ саҳми назаррас гузошта метавонанд.

***Дар боби якуми диссертатсия*** «Демократикунонии раванди таълим дар ташаккули салоҳият ва иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» сухан бештар дар бораи демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ омили асосии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён бо иҷтимоишавӣ меравад, ки се зербобро фаро мегирад.

Зербоби аввали боби якум- «Демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ - омили асосии ташаккули салоҳияти касбӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён» ном дошта, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократиро дар ҳалли доираи васеи вазифаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маданӣ ва таърихӣ баён менамояд.

Муаллиф қайд мекунад, ки салоҳиятҳои иҷтимоӣ якчанд ҷанбаҳои асосиро дар бар мегиранд: малакаҳои муоширaт-қобилияти ба таври возеҳ баён кардани фикрҳои худ, гӯш кардани дигарон, муколама ва фаҳмидани сигналҳои ғайризабонӣ; маҳорати ҳамкорӣ қобилияти кор дар гурӯҳ; салоҳияти эмотсионалӣ-қобилияти идора кардани эҳсосоти худ, фаҳмидани эҳсосоти одамони дигар ва мутобиқ кардани рафтори шумо вобаста ба вазъи иҷтимоӣ; қобилияти ҳалли низоъҳо маҳорати пайдо кардани ҳалли осоишта дар сурати ихтилоф ва пешгирии низоъҳои харобиовар; салоҳияти фарҳангӣ қобилияти эҳтиром кардани фарқиятҳои фарҳангӣ, кушода будан ба гуногунрангӣ, ба назар гирифтани заминаҳои гуногуни иҷтимоӣ.

Дар зербоби дуюм «Асосҳои педагогии идоракунии демократии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ - омили иҷтимоишавии донишҷӯён» сухан дар бораи ватани таърихии демократия ва демократикунонии раванди таълим, ки ба инкишофи шахсият майлдошта бошад, таълими фардиятии ШМА мебошад. Аз рӯи натиҷаҳое ба даст омада, демократикунонии таълимро дар чунин шакл пайвастан мумкин аст: шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ пайдо гардиданд (гимназия, литсей, коллеҷ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, муассисаҳо барои кӯдакони болаёқат, муассисаҳои омӯзиши чукури фанҳои таълимӣ, муассисаҳои шахсӣ); пайдоиши шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ тағйир додани мазмуни таҳсилотро дар доираи стандартҳои давлатӣ имконпазир мегардонад.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки озмоиш ва мушодиҳо собит менамоянд, ки ҳоло ҳам дар раванди демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия мушкилоти зиёде мавҷуд аст.

***Боби дуюми диссертатсия*** **«Омодагии касбии омӯзгорони оянда ба демократикунонии муносибат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ»** ном дошта, дар зербоби 1-ум диққати махсус ба мазмуни таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия ба иҷтимоишавии донишҷуён ва муносибати босалоҳият сухан меравад.

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои зерини демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавҷуданд: -

дарки мақсади тарбия аз мавқеи мутобиқати воқеии он бо омилҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ, тавассути бартараф намудани мутлақгароӣ, ҳамчун самти мақсади тарбия; - мавриди таваҷҷуҳ қарор додани мазмуни тарбия аз ҳисоби ҳодисаҳои азиме, ки дар олам рӯй медиҳанд ва таъсири онҳо ба насли наврас, пурзӯр намудани тарбияро дар рӯҳияи сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ пеш мегузорад.

Муаллиф қайд мекунад, ки самаранокии салоҳиятҳои ташаккулёфта бевосита аз шароити педагогӣ, аз ҷумла эҷоди вазъияти муваффақият, ҳавасмандгардонии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим ва ташкили фаъолияти дастаҷамъӣ вобаста аст. .

Дар рисола аҳамияти ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим ҳамчун яке аз вазифаҳои калидии таҳсилоти муосир тасдиқ карда шудааст. Мақсади гузошташуда асосноккунӣ ва таҳияи шароит ва усулҳои педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии донишҷӯён мусоидат мекунанд, ба даст оварда шуд.

Муаллиф махсус қайд мекунад, ки китоби дарсӣ дар шароити муосир бояд ҷавобгӯи талаботи давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, аммо имрӯз китоби дарсӣ ҷавобгӯи талаботи замон буда наметавонад. Дастурҳои методӣ барои омӯзгорони оянда дар шаклҳои гуногун бо табъ расонида шаванд. Дар ин раванд аз ҳама муҳим барои омӯзгорони ҷавон мавҷуд будани методикаи таълими фанҳои ҷудогона мебошад, ки тавассути он тарзи кушодани мавзуъҳои ҷудогона, оддӣ ва дастрас баён намудани онро ёд гиранд.

Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки кори таҳқиқоти диссертатсионӣ самаранокии худро собит сохтааст ва дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, бозгӯйи онанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои бадастомадаро дар амал барои ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим мусоидат хоҳанд кард.

***Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути тадқиқотҳои таҳлилӣ ва таҷрибавӣ, коркарди маълумотҳо бо истифода аз усулҳои омори математикӣ ва истифодаи маҷмӯи усулҳои илмӣ-педагогӣ, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷаи кори пешниҳодшуда мувофиқанд, таъмин карда шуд.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯи талабот буда, пурра ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй

муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

***Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.***

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ мебоист санадҳои меъёрию ҳуқуқии зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро ба таври васеъ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, таъмин намудани ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар демократикунонии раванди таълим тибқи талаботи санадҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор медод.
2. Унвонҷӯ ба корҳои илмию таҳқиқотии олимони хориҷи кишвар бештар диққат дода, ба таҳқиқоти илмию методии олимону муҳаққиқони ватанӣ, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ бахшида шудаанд, камтар таваҷҷуҳ намудааст. Махсусан, таҳлили таҳқиқоти олимону муҳаққиқон дар самти рушди салоҳиятҳои иҷтимоии донишҷӯён ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.
3. Муаллифи рисолаи илмӣ аҳамияти амалии диссертатсия ва тавсияҳоро барои коллеҷҳои ҷумҳурӣ шарҳу тафсир додааст, вале бо мисолҳои мушаххас нишон дода нашудааст, ки дар амалияи таълим чи гуна онҳо татбиқ карда мешаванд.
4. Дар матни диссертатсия баъзан хатоҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ба ягон ваҷҳ халалдор намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Садуллоева Гулнора Мохадовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Файззода Бахтовар Файз мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Садуллоева Гулнора Мохадовна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 12 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 21-уми июни соли 2025, №05).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
мудири кафедраи таҳсилоти томактабӣ
ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Файззода Бахтовар Файз

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, саромузгори кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Расулова Нодира Сайдаламовна

21.06.2025

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
кӯчаи Сангак Сафаров 16;
Тел:(83322) 2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Файззода Б.Ф., Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатов М.А.